آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

1 марти соли 2023

Чоршанбе

№ 17 (14925)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru



*Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Mono Electric»-и тобеи корхонаи муштараки Ўзбекистону Туркия ҳар сол ба истеҳсоли 20 миллион дона маҳсулоти техникаи барқӣ (дар 1,5 ҳазор намуд) пешбинӣ шудааст. Ба корхона ашёи хом аз Куриёи Ҷанубӣ, Туркия ва Русия оварда мешавад. Ҷамоаи корхона нақша дорад, ки дарояндаи наздик тибқи шартнома бо давлатҳои ИДМ ва кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ маҳсулоти дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ истеҳсолнамудаи худро содир намояд.*

***Дар сурат:** корхонаи «Mono Electric»-и воқеъ дар минтақаи саноатии Ҷиззах.*

***Суратгир: Ҷамшед ЁРБЕКОВ (ЎзА).***

*Акси садо*

## КОДЕКСИ НАВИ МЕҲНАТӢ ЭЪТИДОЛИ МАНФИАТҲОИ КОРМАНДОН, КОРГУЗОРОН ВА ДАВЛАТРО ТАЪМИН МЕНАМОЯД

***Президент Шавкат Мирзиёев 28 октябри соли 2022 Қонун «Дар бораи тасдиқ намудани Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Ўзбекистон»-ро имзо кард, ки баъд аз шаш моҳи расман чоп гардиданаш, яъне моҳи апрели соли равон иқтидор пайдо мекунад.***

Меъёрҳои ҳуқуқии Кодекси нави меҳнатиро бояд ҳама донанд, зеро ҳар кадом шаҳрванди болиғ иштирокдори бозори меҳнат ба шумор меравад.

Бояд қайд кард, ки дар таърихи ҷумҳурӣ ҳуҷҷати танзимгар – Кодекси нави меҳнатӣ бори сеюм қабул мегардад.

Тӯли панҷ-шаш сол мутахассисон зуд-зуд фикру ақидаҳои худро дар бобати Кодекси меҳнатии кӯҳнашуда баён мекарданд. Бо дарназардошти афкори ҷамъиятӣ вазифаи коркарди Кодекси меҳнатӣ дар таҳрири нав пеш гузошта шуд ва бинобар ин Қонун «Дар бораи тасдиқ намудани Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Ўзбекистон» қабул гардид.

Кодекси нави меҳнатӣ аз ду боб – умумӣ ва махсус иборат аст.

Боби умумӣ ба масъалаҳои асосие, ки барои тамоми идораҳои ҳуқуқи меҳнатӣ аҳамияти муҳим дорanд, бахшида шуда, аз ду қисм: равандҳои асосии ҳуқуқи меҳнат ва ҳамкории ҷамъиятӣ дар соҳаи меҳнат иборат мебошад.

Қисми махсус аз панҷ қисмат: қабул ба кор, муносибатҳои шахсии меҳнатӣ, тайёрии касбӣ, бозомӯзонӣ ва баланд бардоштани ихтисоси кормандон, махсусияти танзими ҳуқуқи меҳнатии баъзе табақаҳои кормандон, ҳифзи ҳуқуқи меҳнатии кормандон, баррасии талошҳои меҳнатӣ иборат аст.

Бояд таъкид намуд, ки вобаста ба тағйироти сохторӣ ба Кодекси нави меҳнатӣ як қатор қисмҳо ва бобҳо ворид карда шуданд. Миқдори моддаҳо ду баробар зиёд шуд ва 581 ададро ташкил дод.

Кодекси нави меҳнатӣ ба мавзӯи омӯзиши ҳуқуқи меҳнатӣ дар шакли «Муносибатҳои шахсии меҳнатӣ – муносибати ҷамоавии меҳнатӣ – муносибатҳои протсесуалӣ» наздик карда шудааст. Пештар ин муносибатҳо тафриқа доштанд.

Бо дарназардошти мазмуни қисми сеюми моддаи 1-уми Кодекси меҳнатии амалкунанда дар бораи он ки Кодекс танҳо муносибатҳои шахсии меҳнатиро танзим менамояд, хулосаи нодуруст баровардан мумкин аст.

Дар амал ба соҳаи танзими қонунгузории меҳнатӣ, нафақат муносибатҳои меҳнатӣ, балки муносибатҳои дигаре, ки бевосита ба онҳо алоқаманданд (шарикии иҷтимоӣ, тайёрии касбӣ, бозомӯзонӣ ва баланд бардоштани ихтисос, назорати риояи қонунгузории меҳнатӣ, баррасии талошҳои шахсӣ ва ҷамоатии меҳнатӣ), тааллуқ доранд.

Ба Кодекси нави меҳнатӣ моддае дохил карда шуд, ки дар он равандҳои асосии танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ҷамъиятие, ки бевосита ба онҳо алоқаманданд, зикр шудаанд, ҳамзамон мазмуну моҳияти ҳар кадом раванд дар моддаҳои ҷудогона кушода дода мешавад.

Баробарии ҳуқуқҳои меҳнатӣ, манъи тазъиқ дар соҳаи меҳнат ва шуғл, озодии меҳнат ва манъи меҳнати иҷборӣ, шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат, кафолати таъмин кардани ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ, роҳ надодан ба бадшавии вазъи ҳуқуқии корманд ба равандҳои асосии кодекси нав тааллуқ доранд.

Кодекс ҳамчунин боберо бобати қонунгузории меҳнатӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои меҳнатро дарбар мегирад. Дар боби сеюми Кодекси нави меҳнатӣ мафҳуми муносибатҳои шахсии меҳнатӣ кушода дода шудааст. Субъектҳои онҳо муайян карда шуда, ҳуқуқҳои асосӣ ва ӯҳдадориҳои кормандону коргузорон сабт ёфтаанд. Ба асосҳои сар задани муносибатҳои шахсии меҳнатӣ эътибори махсус дода мешавад.

Ба фикри мо, Кодекси нави меҳнатӣ эътидоли манфиатҳои кормандон, коргузорон ва давлатро таъмин мекунад, ба некӯҳолии мардум ва рушди ҷамъият мусоидат менамояд.

**Шухрат ИСМОИЛОВ,
мудири кафедраи ҳуқуқи меҳнатии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
ЎзА.**

## ШАРОИТИ МУСОИД БАРОИ СОҲИБКОРОН

***Бино ба қарори Президент «Дар бораи чорабиниҳо оиди фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорӣ дар ислоҳоти маъмурияти андоз» аз 28 июни соли 2022, сабук кардани талабҳои соҳаи андоз, ҳамчунин, бо мақсади кам кардани сарбории андози субъектҳои соҳибкорӣ ва содагардонии фаъолияти соҳибкорӣ аз 1 июли соли 2022 ба биноҳои холӣ, майдонҳои бекорхобидаи истеҳсолӣ, иншооти ғайриистиқоматӣ, инчунин иншооти сохтмонаш нотамом тартиби татбиқи ставкаҳои зиёдшудаи андозҳои амвол ва замин, боздоштани имтиёзҳо ва преференсияҳои андоз, яъне механизми муассири андоз бекор карда шуд.***

Инчунин, бино ба ин фармон, маблағи андозе, ки соҳибкорон аз рӯйи ставкаҳои афзояндаи андози амвол ва замин нисбат ба объектҳо ва қитъаҳои замини истифоданашуда мепардохтанд, дар худашон монд. Барои самаранок истифода бурдан аз ин маблағ ба соҳибкорон шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Аз ҷумла, то 1 марти соли 2023 барои нишон додани кодҳои мушаххасе, ки ба номенклатураи молу хидматҳои гирифташуда, инчунин бино ба хусусият ва намудҳои фаъолияте, ки ба ҳисоб-фактура ё мошинҳои назоратӣ мувофиқат намекунанд, ҷаримаи молиявӣ ситонида намешаванд.

Пешбинӣ шудааст, ки баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ ва захираҳои моддӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ, яъне харид ва сохтан, ба кор андохтан, азнавбаҳодиҳӣ, тасарруф намудан, инчунин ба қайд гирифтани тамоми амалиёти вобаста ба ташаккул ва кам кардани фонди оинномавии онҳо дар сохтори иттилоотии «Е-фаъол»-и мақомоти андоз ихтиёрист.

Аз 1 июли соли 2022 ба субъектҳои хоҷагидорӣ, ки ҳамчун супорандагони ҳатмӣ аз арзиши иловагӣ эътироф шудаанд, бидуни нишон додани дараҷаи хавфи андоз ба тарзи автоматӣ шаҳодатномаи ба қайдгирии махсус оид ба андоз аз арзиши иловашуда дода мешавад.

Ҳамзамон ҳангоми мониторинги фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ аз ҷониби мақомоти андоз ва муайян намудани ҳолатҳои хавфи андоз ҳангоми гузарондани мониторинг ба боздоштани амали шаҳодатномаи бақайдгирии махсус оид ба андоз аз арзиши иловашуда асос мегардад.

Дар ин ҳолат амали шаҳодатномаи бақайдгирии махсус оид ба андоз аз арзиши иловашудаи андозсупорандагоне, ки дараҷаи хавфи андоз доранд, танҳо дар он сурат боздошта мешавад, ки пас аз панҷ рӯзи ирсоли огоҳномаи мақомоти андоз ба субъектҳои соҳибкорӣ, камбудиҳо бартараф карда нашуда бошанд. Дар ин маврид пешбинӣ шудааст, ки амалиёти анҷомдода ба номенклатураи моли хариду фурӯш мувофиқат намекунад ё дар суроғаи бақайдгирии давлатии андозсупоранда мавҷуд нест.

Аз ҷониби Президент дар кишвари мо ба мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ба соҳибкорӣ супориш дода шуд, ки масъалаҳои муҳокимагардида дар Шӯрои ҷамъиятии субъектҳои соҳибкории назди Кумитаи давлатии андоз, ки аз намояндагони доираҳои илмӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ иборат аст, ба Кумитаи давлатии андоз ва вазорату идораҳои дахлдор дар ҳар се моҳ ба Девони Вазирон пешниҳодҳо ворид намоянд.

Аз фармон бармеояд, ки дар давраи ислоҳоти идораи андоз фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорони мамлакат талаби замон мебошад.

**Бародар РАҲИМОВ,
корманди шуъбаи адлияи ноҳияи Тошканди вилояти Тошканд.**

***Таълимоти «Нақшбандия», мероси илмию маънавӣ, ақидаҳои фалсафии намояндагони он на фақат дар олами ислом, балки баҳри тарбияи ахлоқӣ, ташаккули фазилатҳои инсонӣ аҳамияти ҷудогона дорад. Зеро тарғиби некию накӯкорӣ, инсонпарварию поквиҷдонӣ моҳияти онро ташкил мекунад.***

## ФЕСТИВАЛИ III БАЙНАЛМИЛАЛИИ «НАҚШБАНДИЯ» ДАР БУХОРО

Беҳуда нест, ки солҳои истиқлолият, хусусан солҳои охир ба қадршиносӣ, ободгардонии зиёратгоҳҳою омӯхтани мероси гаронбаҳои онҳо беш аз пеш эътибор зоҳир мегардад.

Дар Бухоро бо ҳамкории Маркази сӯфиёни ҷаҳон, Вазорати фарҳанг ва сайёҳӣ ва ҳокимияти вилояти Бухоро ба амал омадани фестивали III байналхалқии «Нақшбандия» инро бори дигар тасдиқ менамояд. Пайравони тариқати «Нақшбандия», ки аз мамлакатҳои Индонезия, Малайзия, Русия, Чин, Бангладеш, Фаронса ва ғайра ба ин ҷо ташриф оварданд, ду рӯзи аввал ба ҷойҳои сазовори диққати шаҳри кӯҳна ва зиёратгоҳҳои «Ҳафт пир» саёҳат карданд. Пурарзиш будани таълимоти «Дил ба ёру даст ба кор» ва ёздаҳ қоидаи тариқатро эътироф карданд. Анҷумане, ки дар доираи ҷашнвора таҳти унвони «Панду ҳикматҳои Баҳоуддин Нақшбанд» ба амал омад, ба талқини мазмун ва моҳияти ин андӯхтаҳо бахшида шуд. Дар ин бора имом-хатиби масҷиди ҷомеъи «Баҳоуддин Нақшбанд» Гафурҷон Раззоқов, меҳмонони хориҷӣ Шайх Алоуддин Атторӣ, Шайх Сайф-ул Аъзам ва дигарон изҳори ақида карданд

Дар тадбир бобати рушд додани сайёҳии зиёратӣ низ таклифу мулоҳизаҳо баён гардид.

**Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

## ДАР БОРАИ КУШОДА ШУДАНИ ҶАМЪОМАДИ УМУМИИ СИЮ ҲАФТУМИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

***Ҷамъомади умумии сию ҳафтуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон 2 марти соли 2023 соати 10.00 дар шаҳри Тошканд дар толори ҷамъомадҳои Сенати Олий Маҷлис ба кор оғоз менамояд.***

Баргузории ҷамъомади умумӣ 2-3 марти соли ҷорӣ дар шакли алоқаи видеоконфронс ба нақша гирифта шудааст.

Ҷамъомади умумӣ мустақим тавассути канали Сенат дар YouTube намоиш дода мешавад.

**ЎзА.**

## ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР ҲАМОИШИ ҶУНБИШИ КИШВАРҲОИ БЕТАРАФ ИШТИРОК МЕНАМОЯД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев 1-2 март бо ташрифи корӣ аз ин мамлакат боздид ба амал меорад.***

Бинобар барномаи боздид аз шаҳри Боку иштироки роҳбари давлатамон дар сессияи умумии ҳамоиши Ҷунбиши кишварҳои бетараф пешбинӣ шудааст.

Ба рӯзномаи маҷлис, ки зери раисии ҷониби Озарбойҷон баргузор мегардад, масъалаҳои муҳими рушди гуфтугӯ ва тавсеаи ҳамкории амалии бисёрҷониба дар шароити боқӣ мондани таъсири оқибатҳои пандемия, инчунин пурзӯр гардидани таҳдид ва ситезаҳои бехатарӣ ва суботнокии байналхалқӣ шомил гаштааст.

Ғайр аз ин, баргузор гардидани мулоқоти дуҷонибаи пешвои Ўзбекистон бо Президенти Озарбойҷон бинобар муҳокимаи масъалаҳои татбиқи амалии шартномаҳои қаблан имзогардида ба нақша гирифта шудааст.

Бояд таъкид кард, ки Ҷунбиши кишварҳои бетараф яке аз сохторҳои бонуфузи байналхалқӣ ба шумор рафта, 120 давлати иштирокдорро муттаҳид мекунад, ки иштирок накардан дар блок ва ташкилотҳои ҳарбиву сиёсиро асоси сиёсати хориҷии худ, инчунин рушди ҳамкорӣ дар асоси принсип ва мақсадҳои Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид эълом доштаанд.

**ЎзА.**

## БА МАСЪАЛАҲОИ ГУСТАРИШИ РАВОБИТИ БАЙНИПАРЛУМОНӢ ЭЪТИБОР ДОДА ШУД

***Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон Танзила Нарбоева сафири нави Фавқулода ва Мухтори Иёлати Муттаҳидаи Америко дар кишвари мо Ҷонатан Хеникро қабул кард.***

Раиси Сенат сафирро ба муносибати таъйин шуданаш ба вазифаи масъулиятнок самимона табрик гуфт.

Дар рафти мулоқот ба ҳолати кунунӣ ва пешомади ҳамкории Ўзбекистон ва ИМА, аз он ҷумла масъалаҳои густариши равобити парлумонии Ўзбекистон ва ИМА эътибор дода шуд.

Т. Норбоева таъкид кард, ки равобити байнипарлумонӣ бояд ба яке аз механизмҳои муҳими таҳкими минбаъдаи шарикии ҳамаҷонибаи стратегии кишварҳои мо табдил ёбад. Вай таъкид кард, ки марҳилаи кунунии шарикии стратегӣ бояд ҳамкориҳои зичи байнипарлумониро инъикос намояд. Таъмини муколамаи пайваста, ки ҳамкориҳоро ба сатҳи баландтар мебардорад, аҳамияти муҳим дорад.

Зимни суҳбат нақш ва самаранокии фаъолияти гурӯҳи дӯстии «Кокус оид ба Ўзбекистон», ки дар Палатаи намояндагони Конгресси ИМА таъсис ёфтааст, дар самти густариши робитаҳои парлумонҳои ду кишвар қайд гардид.

Дар навбати худ сафир Ҷонатан Хеник барои пазироии самимӣ изҳори сипос намуда, гуфт, ки ӯ 26 сол пеш дар Ўзбекистон буд ва шоҳиди дигаргуниҳои бузурги мусбате мебошад, ки аз он замон то имрӯз дар тамоми соҳаҳои ҷомеа ба амал омадаанд. Аз ҷумла, сафир ба натиҷаҳои дар Ўзбекистон бобати масъалаҳои таъмини ҳуқуқи инсон, муносибатҳои меҳнатӣ, баробарии гендерӣ бадастомада баҳои баланд дода, алоҳида таъкид намуд, ки таҷрибаи Ўзбекистонро оид ба барҳам додани меҳнати бачаҳо ва меҳнати иҷборӣ метавон ба тамоми ҷаҳон ҳамчун намуна нишон дод, онро бояд кишварҳои дигар омӯзанд.

Зимни мулоқот таъкид гардид, ки рушди фаъоли равобити тиҷоративу иқтисодӣ, анҷоми сафарҳои мутақобилаи намояндагони бахшҳои мухталифи Ўзбекистону Америко ҷиҳати фаъол гардонидани ин раванд ба сифатан густариш додани муносибатҳои дуҷониба дар тамоми соҳаҳо мусоидат мекунад.

Зимни мулоқот доир ба рушди ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангию башардӯстона, аз он ҷумла, густариши фаъолияти соҳибкории занон, таҳкими нақши занон дар ҷомеа, таъмини баробарии гендерӣ табодули афкор сурат гирифт.

**Норгул АБДУРАИМОВА,
мухбири ЎзА.**

***22-24 феврал маҳсулоти Ўзбекистон ва иқтидори сайёҳии кишварамон дар намоишгоҳи байналмилалии China International All Food Expo васеъ намоиш дода шуд.***

## МАҲСУЛОТИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР НАМОИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ШАҲРИ ШЭНЧЖЭНИ ЧИН

Намоишгоҳ дар шаҳри Шэнчжэн дар чор павилони масоҳати умумиаш 166 ҳазор метри мураббаъ баргузор шуд ва дар он беш аз 2 ҳазор ширкат иштирок доштанд.

Дар маросими кушоиши намоишгоҳ консули генералӣ Отабек Валиев бо тақдимот дар бораи иқтидори содиротӣ ва сайёҳии кишварамон, имкониятҳое, ки барои тиҷорат фароҳам оварда шудаанд, баромад кард.

Инчунин бо ноиб-президенти ширкати Eternal Asia Ҷефф Лӣ дар бораи густариши муносибатҳои тиҷоратии корхонаҳои содиргари минтақавии мо бо воридкунандагони чинӣ, истифодаи майдони электронии ин ширкат барои содироти маҳсулот, ки дар кишварамон истеҳсол шудааст, ташкили тақдимоти молҳои маҳаллӣ тавофуқ ҳосил шуд.

Ташкилкунандагон барои маҳсулоти Ўзбекистон майдони 18 метри мураббаъро ройгон пешкаш намуданд, ки дар он намояндагони кишвари мо меҳмононро бо 20 намуди озуқаворӣ ва маҳсулоти коркарди кишоварзии дар ҷумҳурӣ истеҳсолшуда шинос намуданд.

**АИ «Дунё»,**

*ГУАНҶОУ.*

# ДАР ОШЁНАҲОИ ҒАЙРИИСТИҚОМАТИИ БИНОҲОИ СЕРҲУҶРА ОЁ БА ТАШКИЛИ БОҒЧАҲОИ БАЧАГОНА ИҶОЗАТ ДОДА МЕШАВАД?

***Илму фан, таълим ва тарбия пояи асосии рушд ва нерӯест, ки кишварро тавоно ва миллатро бузург мегардонад. Аз ин рӯ, кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон низ аз рушди устувори иқтисодиёт дида, рушди таълимро ба сифати вазифаи аввалиндараҷа мақсади худ қарор додаанд.***

Дар ин раванд нақши низоми таҳсилоти муттасил муҳим дониста мешавад. Хусусан, дар кишварамон ба рушди низоми таълими томактабӣ, ки аввалин ва муҳимтарин қисми он маҳсуб меёбад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Бинобар ин, ислоҳоте, ки дар рушди соҳаи таълими томактабӣ амалӣ гардид, самара мебахшад. Дар соли 2017 мизони фарогирии кӯдакон бо таълими томактабӣ ҳамагӣ 27 фоиз буда, дар охири соли гузашта ин нишондод аз 70 фоиз гузашт.

Чуноне таъкид шуд, то он даме, ки таълиму тарбия масъалаи асосии рушди кишвар боқӣ мемонад, пешрафти он низ муҳим дониста мешавад. Аз ин рӯ, ислоҳоти дар соҳаи таълими томактабӣ оғозшуда дар кишварамон пайваста идома дорад. Аз ҷумла, дар лоиҳаи Барномаи давлатии соли 2023 «Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат», ки дар асоси пешниҳодҳои дар муҳокимаи васеъ бо ҷомеа ва халқамон баёнгардида, инчунин вазифаҳои устуворе, ки дар Муроҷиатномаи Сарвари давлатамон ба Олий Маҷлис ва халқи Ӯзбекистон зикр ёфтаанд, таҳия шудаанд, як қатор вазифаҳо муайян карда мешаванд.

Хусусан, бо мақсади рафъи камии бинову иншоот дар таъсиси муассисаҳои таълими томактабӣ аз 1-уми апрели соли 2023 пешбинӣ шудааст, ки ба фаъолияти муассисаҳои таълими томактабии нави давлатӣ дар ошёнаҳои ғайриистиқоматии биноҳои серҳуҷра ё бо роҳи хариди хонаҳои инфиродӣ сохташуда ва баъдан азнавсозӣ, таъмир ва таҷҳизонидани онҳо иҷозат дода шавад.

Инчунин, дар назар аст, ки маҳдудиятҳои ба гарав гузоштани бино аз рӯйи қарзҳои бонкӣ барои ин лоиҳа ба шарики хусусие, ки бинои муассисаи таълими томактабии ғайридавлатиро дар қитъаи замини дар доираи лоиҳаи шарикии давлатӣ-хусусӣ ба иҷора гирифташуда сохтааст, бекор карда мешавад.

Пешниҳоди чунин имтиёзҳо на танҳо ба афзоиши фарогирии таълими томактабӣ, балки барои шаҳрвандоне, ки мехоҳанд дар ин замина соҳибкориро оғоз кунанд ва маблағҳои худро на ба сохтмону таъмир, балки барои фароҳам овардани шароит ба таълими босифати кӯдакон харҷ намоянд, хидмат мекунад.

Дар лоиҳаи Барномаи давлатӣ ба инкишофи таълими мактаб, ки марҳилаи миёнаи таълим ба ҳисоб меравад, диққати махсус дода шудааст. Аз ҷумла, аз соли хониши 2023-2024 дар ҳамаи вилоятҳои ҷумҳурӣ ва шаҳри Тошканд бо хӯроки бепул таъмин намудани хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба роҳ монда мешавад. Ба ин мақсад аз буҷа 2,7 трлн. сӯм ҷудо карда мешавад. Аз 1-уми сентябри соли 2023 дар яктогӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ҳар як ноҳия (шаҳр) амалиёти ба хонандагон омӯзонидани ду забони хориҷӣ ва як касб марҳила ба марҳила ҷорӣ карда мешавад. Дар натиҷа забони фаронсавӣ дар 76 мактаб, немисӣ дар 76, англисӣ дар 37, куриёӣ дар 10, чинӣ дар 6 ва ҷопонӣ дар 3 мактаб ҳамчун забони дуюми хориҷӣ таълим дода мешавад. Инчунин, аз синфи 10-ум ба хонандагон 64 касби корӣ, соҳибкорӣ дар 21 соҳа, 10 нафар аз рӯйи ихтисоси IT ва «индустрияи эҷодӣ» таълим мегиранд. Ба ин раванд пешвоёни ҷавонон ва соҳибкорони маъруфи минтақа ҷалб карда мешаванд. Ин ба ҷавонон имкон медиҳад, ки дар асоси шавқу рағбаташон таҳсили хуб гиранд.

Ҳамзамон, бо мақсади рушди низоми таълими касбӣ, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, ки ба талаботи бозори меҳнат ва корфармоён ҷавобгӯ мебошанд, аз соли таҳсили 2023-2024 грантҳои давлатӣ барои техникуму коллеҷҳо дар шакли таълими дугона ҷудо карда мешаванд. Дар натиҷа, имсол камаш 5,7 ҳазор донишҷӯ бар асоси гранти давлатӣ дар шакли таҳсили дугона қабул мешаванд. Дар шакли таълими дугона донишҷӯ дар муассисаи таълими касбӣ дониши назариявӣ гирифта, дар баробари ин бо иҷрои фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаи истеҳсолӣ маҳорати амалии худро мустаҳкам менамояд.

Дар лоиҳаи Барномаи давлатӣ ба беҳтар намудани таъминоти моддии педагогҳо низ диққати махсус дода шудааст. Маоши моҳонаи 27 ҳазор нафар омӯзгорони муассисаҳои таълими касбӣ 20 фоиз зиёд шуда, ба ҳисоби миёна ба 3 млн. сӯм баробар мешавад. Ба ин мақсад соли ҷорӣ аз буҷа 139 млрд. сӯм ҷудо карда мешавад.

Умуман, татбиқи ҳадафу вазифаҳои афзалиятноки лоиҳаи Барномаи давлатӣ ба таъмини дастгирии иҷтимоии аҳолӣ, ҳифзи саломатии онҳо, ташаккули низоми таълими босифат, боз ҳам беҳтар намудани нишондиҳандаҳои рушди устувори иқтисодӣ хидмат мекунад.

**Музаффара АБДИЕВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

***Гуруҳи корӣ таҳти роҳбарии раиси Кумитаи масъалаҳои кишоварзӣ ва хоҷагии оби Сенати Олий Маҷлиси Ӯзбекистон Баҳодир Тоҷиев аз як қатор ноҳияҳои вилояти Намангон боздид намуда, бо ислоҳоти дар соҳа баамаломада шинос шуд.***

# ИСЛОҲОТ ДАР БАХШҲОИ АГРАРӢ

Меҳмонон ба ноҳияи Поп, ки ба яке аз минтақаҳои пешсафи вилоят табдил меёбад, рафтанд. Аз ҷумла, коркарди маҳсулоти меваю сабзавот ва бунёди боғҳои интенсивӣ, азхудкунии заминҳои бекорхобида, ташкили минтақаҳои хурди саноатӣ ва гармхонаҳои замонавӣ, сохтмони хонаҳои бисёрошёна, рушди самтҳои хидмати маишӣ ва савдо, чорводорию бузпарварӣ, инчунин сайёҳӣ соҳаҳои пешбарандаи ноҳия мебошанд.

Манзили аввали гурӯҳи корӣ маҳаллаи Ороми ноҳия буд. Бо фаъолияти гармхонаи масоҳаташ 81 гектар, ки дар минтақа ба роҳ монда шудааст, шинос шуданд. Дар ин ҷо ба 50 нафар соҳибкор 1 гектарӣ ва ба 20 соҳибкор 20 сотихӣ замин ва аз ҷониби бонки Турон ба 62 нафари онҳо ба миқдори 3,9 миллион доллар вом дода, барои оғози фаъолият мусоидат кардааст.

Меҳмонон, инчунин бо фаъолияти маҷмааи гармхонаи замонавии «ZAMIN GREEN-WORLD» шинос шуданд. Гармхонаи замонавии гидропоникӣ, ки дар майдони 7 гектар ҷойгир шуда, арзиши умумиаш 61,6 миллиард сӯмро ташкил медиҳад, дар онҳо таассуроти калон гузошт.

Меҳмонон бо фаъолияти соҳибкории ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Zeytun cafe restaurant» низ шинос шуданд. Ба ин хоҷагии чорводорӣ, ки ба маблағи 3 миллион доллар бунёд шудааст, аз Фаронса 155 сар гови Монбелярд оварда, дар айни вақт шумораи онҳоро ба 310 сар расонданд. Бо дарназардошти мавҷудияти беш аз 113,7 ҳазор гектар замини чарогоҳ дар кӯҳистон ва минтақаҳои кӯҳии ноҳия дар маҳаллаҳои Чоркесар ва Маданият «Кластери бузпарварии Чоркесар» таъсис дода, 10 ҳазор сар бузу гӯсфанд оварда шудааст. Бо мақсади мушоҳидаи кори амалӣ аъзоёни гурӯҳи корӣ аз хоҷагии кишлоқи «Ҷӯрабой Эргашалӣ Мироншоҳ», ки ба он Санҷарбек Эргашев роҳбарӣ мекунад, дидан карданд. Бо қарори ҳокимияти ноҳия ба ин хоҷагӣ аз майдони чанд сол боз истифоданашуда 210 гектар замин барои кишти ғалла ва пахта ҷудо карда шуд. Соҳибкори пуртаҷриба бо маблағи худ ба масофаи 2000 метр бо қубур об овард. Соли аввал барои ба мақсад мувофиқ ва самаранок истифода бурдани замин 5-то техника харид карда бошад, солҳои охир боз навъҳои гуногуни техникаи хоҷагии қишлоқро харид. Санҷарбек фаровониро дар бисёрсоҳагӣ дарк намуда, дар бобати рушди соҳаи бузпарварӣ, бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ ва афзун намудани даромади онҳо корҳои ибратбахшу шоиста кардааст. Бузпарварӣ соҳаи сердаромади чорводорӣ мебошад.

Хоҷагии «Темурбек Мироншоҳ», ки дар ҳайати хоҷагии «Ҷӯрабой Эргашалӣ Мироншоҳ» ба парвариши бисёрсоҳавӣ ихтисосонида шудааст, бо мақсади васеъ намудани хоҷагиаш бо усули кластерӣ фаъолият менамояд. Дар ин ҷо парвариши 164 сар чорвои калони шохдор, 350 сар чорвои хурд, 10 ҳазор парранда ва махсусан, 5 ҳазор харгӯшро ба роҳ монда, дар асоси шартнома ба сокиноне, ки ба соҳибкорӣ майл доранд, тавассути ёварони ҳоким дар маҳалла расонда мешавад. Маҳсулоти гармхонае, ки дар майдони 2 гектар бунёд шудааст, низ бозоргир аст. Дар яхдон-анборҳои гунҷоишашон 500 тонна маҳсулоти хушсифат нигоҳ дошта мешавад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**



*Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Sirdaryo universal oyna», ки бо қувваи пурра соли 2018 фаъолияташро оғоз намуда буд, барои соҳаи тиб ва хӯрокворӣ зарфҳои шишагин истеҳсол менамояд.*

*Дар корхонаи бо технологияи замонавӣ муҷаҳҳазгардида оташдони ҳаҷми истеҳсолиаш 120 тонна насб кардаанд, ки ин дар як рӯз имконоти истеҳсоли 350 ҳазор дона маҳсулоти шишагини тайёрро медиҳад.*

*Дар корхона ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии кор ва навъи маҳсулот лоиҳаҳои нав ба кор андохта мешавад.*

***Дар сурат:** дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Sirdaryo universal oyna».*

***Суратгир: Ш. ОРТИҚБОЕВ (ӮзА).***

# ДАЪВАТИ ҲОКИМ АЗ ДЕҲҚОНОН

***«Азизон, замоне, ки падаронамон сари китф каланд бардошта мегаштанд, кайҳо гузаштааст. Агар мо ҳам аз роҳи онҳо биравем, муваффақ нахоҳем шуд, – гуфт ҳокими вилояти Қашқадарё Муротҷон Азимов.***

Вай ин суханҳоро дар замоне ироа дошт, ки ба ноҳияи Қаршӣ ташриф овардаву дар семинари амалии намояндагони соҳаи кишоварзӣ ширкат варзид. Ҳокими вилоят дар ҷамъи кишоварзони ноҳия аз он изҳори норизоӣ намуд, ки ҳанӯз аз усулҳои кӯҳна истифода карда мешаванд, ки дар гузашта падаронамон ба кор мебурданд.

– Симои замона сол аз сол тағйир меёбад, инсоният аз дастовардҳои илму техникаи пешқадам зиёдтар истифода мекунад ва ба натиҷаҳои назаррас ноил мегардад, – гуфт ӯ ва аз кишоварзон дархост намуд, ки каланди бобоиро канор гузоштаву таҷрибаи пешқадами кишоварзони ҷаҳонро биомӯзанд, усулҳои муассири корро қабул кунанд.

Муротҷон Азимов аз ислоҳоти иқтисодиву иҷтимоии кишвар, ки дар раъси он Президент Шавкат Мирзиёев истодааст, ёдовар шуд ва таъкид намуд, ки кишоварзон дар ободии бозорҳо ва баланд бардоштани некӯаҳволии халқ нақши муҳим доранд. Ҷорӣ намудани технологияи замонавӣ дар ин соҳа боиси рушди корҳо хоҳанд гашт.

– Масалан, як замонҳо обро бе баркаш истифода мекардем, аммо имрӯз усулҳои наве ба вуҷуд омадаанд, ки обро сарфа кардан мумкин аст ва метавон натиҷаи дилхоҳ низ ба даст овард. Таҷрибаи кишоварзони мамлакатҳои пешқадамро омӯхтаву дар ватани худамон ҷорӣ кардан аз вазоифи аввалиндараҷаи кишоварзон бояд қарор гирад, – таъкид кард вай.

Ҳокими вилояти Қашқадарё ҳамчунин аз кишоварзон даъват кард, ки дар моҳвораи «Ободкорӣ ва кабудизоркунӣ»-и саросари вилоят, ки моҳҳои феврал ва марти соли ҷорӣ эълон шудааст, фаъолон ширкат варзанд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.*

# БАРРАСИВУ ҲАЛЛИ МУРОҶИАТҲО БОЯД СТРАТЕГИЯИ ХУДРО ДОШТА БОШАД

***Ҳокими вилояти Самарқанд Эркинҷон Турдимов дар ноҳияи Пастдарғам бобати масъалаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳия маҷлис баргузор кард.***

Гуфта шуд, ки ҳар як роҳбар ва мутасаддӣ мувофиқи сиёсати имрӯза ҳангоми баррасиву ҳалли муроҷиатҳо бояд стратегияи худро дошта бошад. Зеро муаммое, ки имрӯз ҳал нашуд, фардо аз пайи худ муаммоҳои дигареро меоварад.

Дар маҷлис риоя ба Қонун «Дар бораи муроҷиати шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ» таҳлил гардид. Маълум шуд, ки ҳокимият ва дигар идораҳои ноҳия беш аз 100 муроҷиатро саривақт наомӯхтаанд.

Аз рӯйи барномаи махсус дар ноҳия бояд 820 шуъбаи хидматрасонии сайёр ташкил ёбад, вале то 14-уми феврал ҳамагӣ 23-то шуъба ба кор оғоз кардааст. Дар маҳаллаҳо ташкили шуъбаҳои зарурии хидматрасониҳои сайёр умуман иҷро нашудааст.

Аз рӯйи мантиқ нигоҳ андозем, дар ҳар сурат масъулон дар ин вазъият бояд фидокорӣ кунанд. Зеро пайдо нашудани хоҳишмандон барои ташкили хидматрасониҳои сайёр натиҷаи тарғиб нашудани имконияту имтиёзҳо, ба мардум фаҳмонда нашудани фоидаи он мебошад. Агар баръакс бошад, дар ин сурат низ мумкин аст, ки ба он ҳамчун беҳавсалагии мутасаддиён баҳо дода шавад. Яъне, азбаски халқ сабадчаи истеъмолии худро наметавонад пур кунад, ба ин гуна хидматрасониҳо низ талаб надорад. Ин дар навбати худ пайомади ташкил нашудани ҷойҳои нави корӣ, дар ноҳия амалӣ нашудани ислоҳоти афзоиши даромади аҳолӣ аст.

Барномаи ҷалби 4587 нафар аҳолӣ ба корҳои доимӣ, мавсимӣ ва якрӯза 54 дарсад иҷро шудааст. Дар 10 самт нақшаҳо умуман иҷро нашудаанд.

Дар давоми маҷлис аз мутасаддиён сабаби ин ҳолатҳо пурсида шуд, вазъият ба таври ҷиддӣ таҳлил гардид ва масъулон вазифаҳои муддатнок гирифтанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

## ХАБАРҲО

### СУБСИД БА КИРМАКПАРВАРОН

***Парвариши кирми пилла дар мо аз қадим ба роҳ монда шуда ва ҳоло низ ба кирмакпарварӣ эътибори муҳим нигаронида мешавад. 24 феврали соли равон қарори Президент «Дар бораи чораҳо оиди боз ҳам ривоҷ додани соҳаи кирмакпарварӣ» қабул гардид.***

Кушода шудани факултаи кирмакпарварӣ ва тутпарварӣ дар Донишкадаи кишоварзӣ ва агротехнологияи Андиҷон аз воқеаҳои муҳим дар соҳа аст.

Айни замон аз 1 марти соли ҷорӣ то 1 январи соли 2026 ба онҳое,ки ба коркарди пилла ва истеҳсоли тухмии кирми пилла машғуланд, барои ҳар қуттӣ тухмӣ ба миқдори 120 ҳазорсӯмӣ субсид ҷудо мегардад.

Баробари ҳамин, назар ба маълумоти «Ахбори ҳуқуқӣ»-и Вазорати адлия, тартиби содироти ашёи хоми пилла содатар карда мешавад. Муддати амал кардани имтиёзҳои андозиву гумрукӣ мувофиқи қарори зикршудаи давлати мо то 1 январи соли 2026 давом мекунад.

Хотиррасон мекунем барои ҳар як килограмм пилла мувофиқи низоми аз 1 январи соли 2022 то 1 январи соли 2025 амалкунанда 5 ҳазорсӯмӣ субсид муқаррар гардидааст.

### АЗ АНДОЗИ ДАРОМАД ОЗОДАНД

***Дар қарори сардори давлат аз 23 феврали соли ҷорӣ «Дар бораи чораҳои зиёд кардани ҷойҳои корӣ дар кишоварзӣ ва истифодаи самаранок аз қитъаҳои замин» барои фермерҳо ва ходимони соҳа имтиёзҳои нав муайян карда шуданд.***

Мувофиқи он аз 1 апрели соли 2023 то 1 апрели соли 2024 ба тариқи эксперимент роҳбарони хоҷагиҳои фермерӣ ва коргарони онҳо, ки ба парвариши пахта ва ғалла ихтисосонида шудаанд, дар пардохти музди меҳнат аз додани андози даромад озод карда мешаванд. Агар андози даромад супурда бошанд, он аз буҷаи давлатӣ баргардонда мешавад. Вале ин баъзе шартҳо дорад. Яке аз шартҳои муҳим он аст, ки хоҷагии фермерӣ барои ҳар як гектар майдони кишт, ки дар ихтиёр дорад, камаш як нафарро бояд ба кор таъмин карда бошад.

### ҲУДУДИ АЗ ҲАМА СЕРАВТОМОБИЛ

***Сафи онҳое, ки автомобилҳои шахсӣ доранд, торафт меафзояд. Баъзе хонадонҳо ҳатто 2 ё 3-тоӣ мошинҳои сабукрави шахсӣ доранд. Ин, албатта, аз торафт болоравии сатҳи ҳаёт ва маданияти зиндагии халқи мо дарак медиҳад.***

Ба суоли «кадом шаҳру вилоятҳои ҷумҳурӣ аз ҳама серавтомобил?» – Агентии омор равшанӣ андохт. Маълум шуд, ки дар доираи ҳудудҳо адади автомобилҳо ба ҳар 1000 нафар аз ҳама зиёд дар пойтахт ба мушоҳида мерасад – 193-тоӣ. Ҷои дувум – вилояти Тошканд (117) ва сеюм вилояти Хоразм (110).

Ҷойҳои охиринро вилоятҳои Андиҷон (70) ва Ҷиззах (66) ишғол намудаанд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**




## АЗ ТОШКАНД БА ПЕШҚӮРҒОН БО «СПАРК»

***Дар Қасри эҷоди ҷавонони пойтахт дар доираи «Олимпиадаи панҷ ташаббус» озмуни «Китобхони ҷавон» баргузор гардид. Дар он китобхононе, ки дар марҳилаҳои вилоятӣ иштирок карда ғолиб шуда буданд, дониши худро санҷиданд.***

Дар қувваозмоиҳои китобхонони синну солашон 20-30-сола муаллимаи мактаби рақами 22-юми ноҳияи Чортоқи вилояти Намангон Замира Абдуллоева ғолиб гардида, туҳфаи Президент — автомобили «Спарк»-ро ба даст овард.

— Дар ин муваффақиятҳо нафақат хизмати аҳли ҷамоаи мактаб, балки хизмати аҳли оилаам низ бисёр аст, — мегӯяд Замира.

— Ба ман барои мутолиаи китоб шароит фароҳам оварданд. Бо тавсияву маслиҳатҳои устодон ва дастгирии онҳо ман ғолиби озмун шудам.

**Шоҳида ДАМИНОВА.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# БИНОИ ТАЪЛИМИИ ДОРОИ 1000 ҶОЙ ТАЪМИР ГАРДИД

***Биноӣ таълимии дорои 1000 ҷойи нишасти Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд пурра таъмир ва ба истифода дода шуд.***

Дар асоси Консепсияи рушди сохтори таълими олии ҷумҳурӣ то соли 2030 зина ба зина ба системаи худмаблағгузорӣ гузаронидани боргоҳҳои таълими олӣ ва ба онҳо мустақилияти молиявӣ ва академӣ додан барои мустаҳкам намудани пойгоҳи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои профессор-устодон ва донишҷӯён хидмат мекунад.

Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд яке аз аввалин донишкадаҳои мамлакат, ки системаи худмаблағгузориро ҷорӣ кардааст.

– Пештар барои сохтани биноӣ таълимӣ ё хобгоҳи донишҷӯён аввал онро ба барномаи инвеститсионӣ дохил мекардем ва баъд мунтазири маблағ мешудем, — гуфт ректори донишкада И.Тӯхтасинов. – Ғайр аз ин, ҳар сол дар чунин барномаҳо иштирок кардан имконнопазир буд. Ҳоло мо имкон дорем, ки аз ҳисоби маблағи худ биноӣ нав созем ё онҳоро таъмир кунем, барои таҳсили босифати хонандагон шароити мусоид фароҳам оварем. Дар натиҷаи ин, соли 2022 бар ивази 12 миллиард сӯм Маркази захираҳои ахборро бунёд кардем, ки дар ин ҷо 288 ҳазор адабиёти илмӣ, таълимӣ ва хориҷӣ нигаҳдорӣ мешавад.

**З. ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Имрӯз – зодрӯзи Зулфия*

# ЗУЛФИЯБЕГИМРО БА ЁД ОВАРДА



Ман бо Зулфияапа борҳо вохӯрда, дар сафарҳо ҳамроҳ будем. Аз суҳбати ин зани боиффат, нозуктабиат, сариштакор, шоираи номдор панди ҳаёт омӯхтам гӯям, хато намекунам. Ба ӯ бо ҳавас нигоҳ мекардам. Якчанд мақолаҳоямро бо хоҳиши Зулфияапа навишта будам. Бо устод дар қолаби мавзӯъҳои мухталиф – илмӣ-адабӣ, ҳаёт ва фаъолияти шоиру нависандагон, устоду шогирдон, дӯстон, оиди тарзи омода кардани хӯрокҳои бомазза, либосҳои хушдӯхт ва ҳоказо суҳбат мекардем.

Зулфияапа инсони батамкин, дурандеш, дилкаш ва суҳбаташ самимӣ буд. Шоираи номдори давр, соҳиби унвону мукофотҳои давлатӣ, сазовори эҳтироми халқ бошад ҳам, сурат ва сирати камтарона дошт. Яке аз китобҳояшро бо чунин дастхат ба ман туҳфа карда буд: « Маҷмуаи ноарзандаи худро ба Суйимахонуми ширинсухан бо тамоми орзуву ниятҳои нек тақдим менамоям. Чӣ илоҷ, як саҳифаи ҳаёт аз субҳ, саҳифаи дигараш аз шом иборат будааст». Хотираҳоям дар бораи Зулфияапа ҷоннок, фаромӯшнопазир ва пурҳарорат...

9 феврали соли 1957 бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти Алишери Навоӣ дар маҷлисгоҳи Академияи фанҳои Ӯзбекистон чорабинии бошукӯҳи адабию маърифатӣ барпо гардид. Дар ин чорабинӣ маротибаи аввал баромад кардам. «Муҳассили Ленинград будаед, дар корҳои илмиатон муваффақиятҳо», гуфта буд Зулфияапа.

Моҳи майи соли 1967. Дар ноҳияи Чилонзор истиқомат мекардам. Рӯзе Зулфияапа телефон карда гуфт, ки «Ҳозир меравам, тайёр бошед. Оиди бунёдкориҳои пас аз зилзила мақолае навиштаниям. Ҳамроҳ мавзеъро давр мезанем». Пас аз ба бар кардани либосҳоям, вақте атр мепошидам, Зулфияапа даромада омад. «Атратон «Шанел» аст?»– пурсид ӯ. «Бале, аз Маскав харида будам» гуфтам ва бори дигар ба зиракии Зулфияапа аҳсан гуфтам.

Аввал бо мошин, баъд пиёда Чилонзорро давр задем. Биноҳои серошёнаи нав, роҳҳои асфалтпӯш, дарахтони манзаравиро дида, «Чӣ илоҷ, инсон дар назди табиат оҷиз. Шукри Аллоҳ, мардуми босабру меҳнаткаш ва бомеҳру баоқибат дорем. Дар муддати кӯтоҳ оқибатҳои фалокатовари зилзиларо пинҳон кардаанд», гуфтем. Дере нагузашта шеъри «Хотира сатрлари»-и шоира тавлид ёфт:

*Унутилар тўйлар, севинчлар,*
*Мақсад йўлидаги заҳмат*
*унутилар.*
*Лекин севги унутилмас,*
*Унутилмас ўлим,*
*Унутилмас уйинг вайрон*
*бўлгани...*

Дертар аз шафати бинои Консерваторияи давлатии Тошканд хона харидам. Барои беҳуда нагузарондани вақти холии худ аз консерватория ду-се соат дарс гирифтам. Дар чорабиниву суҳбатҳо, ҷашнвора ва гирдиҳамоии маҳфилҳои адабӣ бо устодон ва омӯзгорони ҷавон дар мулоқот будем. Рӯзе композитори ҷавон Рустам Абдуллоев дар хусуси шеърҳои ба модарон бахшидаи Зулфияапа ҳарф зада гуфт, ки дар аксарияти шеърҳои шоира маҳбубият, даъват ба инсонпарварӣ, ватандӯстӣ, садоқат эҳсос мегардад. Ба як шеъри шоира оҳанг бастам, мехоҳам ба шумо навозам.

Оҳангро гӯш кардам. Шеър, ба назарам, «ба ангуштарӣ – нигин» гуфтагӣ барин, бо оҳангаш боз ҳам пурратар шудааст. Ҳамин тариқ, Рустам ба якчанд шеъри Зулфияапа оҳанг баста, худаш дар зери садои фортепиано сароидааст.

Дар яке аз суҳбатҳо Рустам иброз намуд, ки дар асоси шеърҳои шоира як силсилаи асар офариданиям.

– Рустам, ғазале, ки Нодирабегимро ҳамчун шоираи замон машҳур гардонид, ба Амир Умархон навиштаи ӯ мебошад. Дар шеърҳои ба Ҳамид Олимҷон бахшидашудаи Зулфияапа низ дард, алам, ҷудоӣ, ҳиссиёти дилбаронаи шоира ифода ёфтаанд ва аз ин лиҳоз ба умқи дили ҳар як хонанда ҷой гирифтаанд, ки шоираро на ҳамчун адибаву шоира, балки сарояндаи ишқи пок, вафо, садоқат ва дӯст эътироф менамоянд.

«Зинати тоҷи инсоният, гавҳари аслии он ишқ ва садоқат аст» фармудааст Навоии бузург.

Дар операи «Садоқат», ки аз ҷониби Рустам Абдуллоев ва шоир Амон Матҷон офарида шудааст, шеърияти давраи нави Зулфия, вохӯрии ӯ бо Ҳамид Олимҷон, издивоҷи онҳо, ба олами сеҳрноки шеър ворид шудани онҳо, ба сари шоира афтидани мусибати ҷудоӣ бо шеъру оҳанг якҷоя нафис ва таъсирбахш ифода ёфтааст.

Баҳори соли 1981 бо ҳамроҳии Рустам Абдуллоев, Отаназар Матёқубов, Амон Матҷон ва дигарон ба тақдимоти операи «Садоқат» ба Самарқанд даъват шудем. Бо садои форам ва маҳини шоира оғоз ёфтани опера аҳли толорро ба по хезонд, ки ин ба назарам, гӯё дирӯзакак буд...

*Бу бир уйқу, беҳуда бир туш,*
*Охир бу бир алдоқчи рўё.*
*Билармисан, севган кишига,*
*Содиқ бўлиш ўзи саодат...*

Яке аз рӯзҳои соли 1996. Зулфияапа занг зада чун одат пурсид: «Дил шеъри тоза мехоҳад. Аз шеърҳои нав ҳаст? Ба форсӣ бошад ҳам майлаш, якҷоя «мағзашро мешиканем».

Ман аз Нурҷаҳонбегим хондам. Зулфияапа рубоиро такроран қироат намуд. «Обшор»-ро «шаршара» гӯям ё «шалола?» – пурсидам ман. Зулфияапа гуфт: «Шалола» хубтар, аммо дар «шаршара» овоз ҳам, зарб ҳам ҳаст, ин ба мазмуни рубоӣ мос. Суйимахон, ин рубоӣ гӯё дар ҳақи ман гуфта шуда бошад. Шаршара аз дард сарашро ба сангҳо занад, болиштҳои ман аллакай ба санг табдил ёфтаанд...»

Ҳамон рӯз Зулфияапа бо ҳолати ғайритабиӣ, гӯё аз эҷод кӯфта шуда бошад, суҳбатро ба охир расонд, дар телефон «то боздид» гуфтем.

Ин суҳбати охиринамон шуд...

**Суйима ҒАНИЕВА,**
**профессор.**
**(Аз китоби «Зулфия дар хотири ҳамзамонон»).**

*Бузургдошт*

# ТАРҒИБГАРИ КАМНАЗИРИ МЕРОСИ АДАБӢ



Аҳмад Абдуллоев аз фарзандони арҷманду накӯманиши халқи тоҷик мебошад, ки 15 марти соли 1936 дар диёри кӯҳистони тоҷикнишини Бойсун зода шуда, дар арсаи адабиётшиносии нимаи дувуми садаи XX ва ду даҳсолаи садаи XXI ба сифати як муҳаққиқи хеле барҷаста, пажӯҳишгари хушсалиқа ва аз зумраи ноқидони хушкору саракори мероси гаронқадри адабиёти форсӣ-тоҷикӣ эътироф шудааст. Ковишу ҷусторҳои илмиаш ҳанӯз дар Тоҷикистони шӯравии солҳои 60-80-уми садаи XX номашро чун олими ҷиддӣ, адабиётшиноси мумтоз дар риштаи таҳқиқи таърихи адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ, ноқиди хуби сухан, матншиноси дақиқназару хушкор ва тарғибгари ростини мероси адабии гузашта муаррифӣ карда, ин имкон фароҳам овардааст, ки дар бозкушоии чеҳраҳои аёни адабиёти асримиёнагӣ ва нашри мероси манзуми онҳо корҳои шоистаеро анҷом диҳад. Зикри ин нукта ҳам хеле муҳим ба назар мерасад, ки як марҳалаи пурмаҳсули бебозгашти рӯзгор ва фаъолияти илмӣ-пажӯҳандагии ин донишманди фидоӣ то нимаҳои солҳои 90-уми садаи XX дар Институти забону адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон ва Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур паси сар гардида, барои ривоҷи таҳқиқи адабиётшиносии муосир заҳмати фаровон кашидааст.

Лозим ба таъкид аст, ки Аҳмад Абдуллоев дар адабиётшиносии мо ҳамчун кошиф ва таҳқиқгари асосии шоиру суханвари маъруф ва мумтози тоҷикон дар садаҳои XI-XII Адиб Собири Тирмизӣ шинохта шудааст. Монографияи бунёдии «Адиб Собири Тирмизӣ» (Душанбе, 1969), очерки илмӣ-адабии «Адиб Собири Тирмизӣ» (Душанбе, 1979) ва ҳамзамон муқаддимаҳои илмии Аҳмад Абдуллоев бар матни ашъори ин шоири номвар аз арзишмандтарин навиштаҳо маҳсуб шуда, дар онҳо бозгӯи роҳи ҳаётиву эҷодии ин шоир бисёр барҷаста сурат ёфтаанд.

Инро ҳам медонем, ки Аҳмад Абдуллоев чун матншиноси хушкору хушазм солҳо ба таҳқиқу нашри мероси адабии шоирони аҳди Ғазнавӣ шуғл дошт ва дар ин замина, аввалан, кӯшиш ба харҷ додааст матнҳои оммавӣ ва илмӣ-интиқодии осори адабии Адиб Собири Тирмизиро таҳти унвони «Ашъори мунтахаб» (Душанбе, 1965), «Осори мунтахаб» (Душанбе, 1981) ва «Девон» (ба форсӣ, Душанбе, 1982) таҳия ва ба нашр ҳозир намояд. Бозгӯи таърихчаи тасҳеҳ ва нашри матни ашъори шоир дар муқаддима муносибати усулии матншиноси мазкурро ба ин қазия бозмегӯяд. Аз раванди тасҳеҳи матн хуб равшан мешавад, ки номбурда ба таҳияи мероси шоирии Адиб Собири Тирмизӣ аз миёнаҳои солҳои 60-уми садаи XX шуғл дошта, аз ҷумла, ҳанӯз соли 1965 ба нашри аввали мунтахаби ин шоири нозукбаёни форс-тоҷик имкон ёфтааст. Интишори аввал, бешубҳа, нахустин кӯшиши дастрасии хонандаи тоҷик ба мероси шоир ба хати кириллӣ маҳсуб мешавад.

Аз муқаддимаи ашъори мунтахаби аввалин равшан гашт, ки матни то он замон интишоршудаи шоир дар Эрон ба саъйи донишманди эронӣ Алии Қавим ҳам чандон комил набуда ва матни интиқодии он ҳанӯз таҳия нашуда будааст. Аз дебочаи адабиётшиноси маъруф Камол Айнӣ ба «Девон»-и Адиб Собир бо саъйи Аҳмад Абдуллоев дар соли 1982 ҳам ин санад омадааст, ки девон дар асл ду маротиба – солҳои 1952 ва 1965 дар Теҳрон нашр шудааст. Тибқи ин иттилоъ девони аввал ба эҳтимоми Алии Қавим «бисёр шеърҳоро фоқид аст ва ба илова бо камбудиҳои ҷиддии матнӣ ҳамроҳ аст. Тасҳеҳгари чопи дувум Муҳаммадалии Носеҳ кӯшиши бештаре ба кор бурдааст, вале ҳеҷ як аз он девонҳои чопӣ чандон ҳам ризоятмандона нест(анд). Маълумот дар ин бора дар пешгуфтори нашри ҳозир (яъне Девони Адиб Собир дар тасҳеҳи Аҳмад Абдуллоев – **С. А.**) муфассал баён шудааст». (ниг: Девони Адиб Собири Тирмизӣ, с. 5).

Ба ин маънӣ солҳои 60-уми садаи XX марҳалаи аввали дастрасии аҳли мутолиа ва адабиётшиносон ба маҳсули эҷоди ин шоири гаронмоя будааст. Аҳмад Абдуллоев дар он овони ҷавониаш се нусхаи дастнависи девони шоирро аз хазинаҳои маъруфи ҷаҳон – китобхонаи Индиа Оффис, Музейи давлатии Англия ва ҳамзамон захираи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Озарбойҷон ба заҳмати зиёд ба даст оварда, ки онҳо аз назари тасҳеҳгарону ноширони эронӣ дур монда будаанд. Аз байни онҳо нусхаи қадимтарин мансуб ба Индиа Оффис буда ва дар ин маврид боз як нусхаи захираи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон низ ба он илова шудааст.

Аз ин рӯ, агарчи дар ҳамон солҳо ҳам ба тасҳеҳгари тоҷикистонӣ нашри комили ашъори Адиб Собир ба усули илмӣ ва интиқодӣ имкон надода буд, аммо кӯшиши фаровон ба харҷ рафта, ки мунтахаби шоир бо фарорафт ба матни чаҳор дастнависи ғарбиву шарқӣ ва ҳам муқоисаи матни девони чопии эронӣ, аз ҷумла Алии Қавим, ба чоп омода шавад. Ин оғози кори бисёр муҳим буд. Аз аввал тасҳеҳгари хушкор саъй карда, то ба раванди иштибоҳ дар хондани матн аз ҷониби тасҳеҳгарони эронӣ, ҳам бозгӯйи тафовутҳои матнӣ ва нусхабадалҳо аҳамияти ҷиддӣ диҳад ва роҳро ба омода кардани нашри нисбатан васеъ ва фароҳам овардани заминаи таҳияи матни илмӣ-интиқодии шоир ҳамвор намояд.

Пас аз шонздаҳ соли ба ихтиёри алоқадорони Тоҷикистон расидани ашъори Адиб Собири Тирмизӣ соли 1981 «Осори мунтахаб»-и ӯ мавриди нашр қарор гирифт, ки он бори аввал ба таври густурда қариб ҳамаи тағаззулу ғазал, муқаддимаи таркиббанд ва қитъаву рубоиҳои шоирро фаро гирифтааст. Дар ин марҳалаи дастрасӣ ба ашъори шоир таҳиягар имкон ёфта, ки матни ашъори бозмондаро бо қиёс ва ба усули интиқодӣ мавриди омӯзиш қарор диҳад ва мушкилоти мавҷудаи нашри ашъорро бозгӯ кунад. Аз диди тасҳеҳгар «тағаззулу ташбибҳои шоир дилнишину тозатар садо медиҳанд ва ақоиди эстетикиву оптимистонаи гӯяндаи худро хубтар таҷассум кардаанд». (Осори мунтахаб, с. 33).

(Давомаш дар саҳ.4).

*Мусоҳибаи мо*

# ДӮСТИРО ҶУСТУҶӮ ДОРЕМ МО

***Якуми марти соли 2017 дар саҳифаҳои таърихи халқҳои тоҷику ӯзбек бо ҳарфҳои заррин сабт ёфтаанд. Зеро маҳз дар ҳамин сана бисёр дарҳои бастаи сарҳадҳои байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон кушода шуданд.***

Воқеан, дар он лаҳзаҳои фараҳманди оғози фасли баҳор мо низ шоҳиди боз шудани гузаргоҳи Равотхӯҷа – Саразм гардида будем, ки дар тасвири хурсандии мардуми ду кишвар қалам оҷиз аст.

Баъди ҳиҷрони солҳои тӯлонӣ хешу табор, ёру дӯстон бо ашки шодӣ якдигарро ба оғӯш кашида, ба ду абармарди хирадманду фозили замон – муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзи сипос мекарданд.

– Шахсан ман баъди кушода шудани сарҳад қариб бист маротиба аз сарҳади ду кишвари ҳамсоя гузашта, ҳатто бо Президенти Тоҷикистон Ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон вохӯрдаам, – мегӯяд раиси Маркази фарҳангии тоҷикон ва тоҷикзабонони вилояти Самарқанд Акбарҷон Маҳмудов. – Боиси хушнудист, ки ҳоло ҳар рӯз садҳо нафар мардум бидуни раводид – режими виза озод аз сарҳад мегузаранд. Аз ҳама муҳимаш, барои соҳибкорӣ имкониятҳои хуб фароҳам оварда шуданд. Танҳо дар вилояти Самарқанд қариб даҳ корхонаи муштараки Ӯзбекистон ва Тоҷикистон фаъолият мебаранд. Яке аз бонуфузтарини онҳо ширкати масъулияташ маҳдуди «Навобод наслли паранда» аст, ки роҳбараш Ҳайдар Ӯроқов мебошад. Хушоянд аст, ки ҳамкории байналхалқии фарҳангӣ беҳтару хубтар гардид. Санъаткорон, адибон, рассомон, меъморон равуои доимӣ доранд. Чанде пеш як гурӯҳ журналистони тоҷик бо сарварии раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба Самарқанд ташриф оварда, меҳмони рӯзномаи «Овози Самарқанд», осорхонаи Устод Айнӣ ва мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии тоҷикӣ шуданд. Чанд нафар ба узвияти Иттифоқи журналистони Тоҷикистон қабул гардида, шартномаи ҳамкорӣ баста шуд.




Барномаҳои мусиқии устодони санъат Ҷӯрабек Муродов, Далер Назаров, Афзалшо Шодиев, Ҳасан Ҳайдар ва дигарон ба ҳаводорони санъат як олам ғизои маънавӣ бахшид.

Дар маркази шаҳри Самарқанд маҷмӯаи «Олами китоб» ҳаст, ки асарҳоро ба чандин забонҳои ҷаҳон ба фурӯш гузоштааст. Як бахши он куллан тоҷикист. Танҳо дар нашриётҳои шаҳри мо беш аз 300 адад китобҳои тоҷикӣ чоп шудаанд.

– **Оё марказ ба эҷодкорон кумаки моддӣ мекунад?**

Якҷо бо идораи рӯзномаи «Овози Самарқанд» якчанд асари эҷодкорони тоҷикро чоп кардем. Ғайр аз ин асари Ӯткур Ҳошимов «Қайдҳо дар ҳошияи дафтар» ба тоҷикӣ тарҷума ва нашр гардида ба мактабҳои тоҷикӣ ройгон тақсим шуд. Зеро ба қавли шоир:

*Хуштар зи китоб дар*
*ҷаҳон ёре нест,*
*Дар ғамкадаи замона*
*ғамхоре нест.*

— **Шиори дӯстдоштаи шумо?**

*Дӯстиро ҷустуҷӯ*
*дорем мо,*
*Аз амонӣ гуфтугӯ*
*дорем мо.*

Мусоҳиб
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**

***Яке аз талаботиислоҳоти иқтисодиву иҷтимоӣ, ки солҳои охир ҳукумати ҷумҳурӣ ба роҳ мондааст ва мутахассисон онро бешак ба ояндаи шукуфони Ӯзбекистони Нав рабт медиҳанд, ривоҷ додани сектори хусусӣ аст.***

# СЕКТОРИ ХУСУСӢ – АСОСИ ТАРАҚҚИЁТ

Сектори хусусӣ бо қадамҳои боварибахш дар соҳаи тандурустӣ низ татбиқ мегардад. Аз ҷумла, дар ноҳияи Ғузори вилояти Қашқадарё ба рушди ин соҳа эътибор ҷиддӣ аст. Назар ба чанд соли пеш дар ин ноҳия сектори хусусии соҳаи тандурустӣ боиси хушҳолиҳо мегардад. Бояд таъкид кард, ки ба соҳаи тандурустӣ ворид гардидани сектори хусусӣ сабаби рақобати озод ва беҳтар шудани сифати хидматрасонӣ хоҳад шуд. Сохта ба истифода додани клиникаи хусусӣ дар ноҳия бо номи «Дармон сифат», ки бо таҷҳизоти замонавии тиббии пешқадам таъмин аст, гуфта мешавад, ба сифати кори соҳаи тандурустӣ меафзояд. Клиникаи мазкур дорои лабораторияи замонавӣ буда, асоси ҳама гуна ташхис гузоштан ба маризиҳоро доро аст. Дастгоҳҳои УЗИ ва дигар навъи таҷҳизоти соҳаи тиб дар хидмати халқ қарор гирифта, бахшҳои физиотерапия, масҳи бадан (массаж), гинекология, урология, терапия ва неврология фаъол ҳастанд. Беҳтарин мутахассисон низ ҷалб шудаанд.

Дар маросими кушоиши клиникаи «Дармон сифат» ҳокими ноҳия Бекзод Суюнов ва мутасаддиёни дигар ширкат варзиданд.

Сарвари клиника Шаҳло Ҳакимова гуфт, ки дармонгоҳи мазкур дорои 20 ҷойи табобат буда, ният доранд, дар оянда вобаста ба талаботи мардум ҳаҷми корро васеъ кунанд ва ба шумори ҷойҳои қабул низ афзоянд. Ба гуфтаи ӯ, «Дармон сифат» бо 500 миллион сӯм воми «Миллийбанк» ва 250 миллион сӯм маблағи шахсӣ бунёд ёфтааст. Ҳоло ба шаш нафар мутахассиси варзида ҷойи кори доимӣ муҳайё шуда, дар оянда 10 нафари дигар ҷалб хоҳанд шуд.

Таъкид гардид, ки шумори чунин клиникаҳои шахсӣ дар миқёси вилояти Қашқадарё кам нестанд, аммо дар Ғузор барин як ноҳия, ки солҳо аз мадди назар дур афтода буд, кушода шудани чунин дармонгоҳи хусусӣ воқеаи муҳим мебошад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**

*Баъди сафари Президент*

# ДАР НАМАНГОН «ШӮРОИ СОҲИБКОРОН» ТАЪСИС ЁФТ

***Дар асоси ташаббуси Президент «Оиди татбиқи лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ ва ба минтақаи аз бекорӣ озод табдил додани вилояти Намангон» ҷамъомади таъсисии «Шӯрои соҳибкорон» баргузор гардид. Дар нахустин вохӯрие, ки дар шакли муколама дар «Минтақаи саноатӣ ва соҳибкории ҷавонон» воқеъ дар маҳаллаи Баркамол авлоди шаҳри Намангон баргузор шуд, ҳокими вилоят Шавкат Абдураззоқов, роҳбарони кластерҳо, сармоягузорону соҳибкорон, идораҳои масъули рушди соҳибкорӣ ва намояндагони ВАО ширкат варзиданд.***

Сарвари давлатамон дар Муроҷиатномаи худ ба Олий Маҷлис ва халқи Ӯзбекистон ба соҳибкорони вилояти Намангон баҳои баланд дода, эътироф намуд, ки «Намангон аз ҷиҳати соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ аввалин аст...».

Воқеан, дар 5 соли охир дар вилоят дар соҳаҳои саноат, хидматрасонӣ ва дигар соҳаҳои соҳибкорӣ натиҷаҳои баланд ба даст оварда шудаанд. Шумораи корхонаҳо ба 32,5 ҳазор расид. Танҳо дар соли 2022 5500 субъекти нави соҳибкорӣ ташкил карда шуд. Дар ин давра ҳаҷми маҳсулоте, ки намояндагони корхонаҳои хусусӣ истеҳсол кардаанд, 1,6 баробар афзуда, маблағи умумии он ба 8,3 триллион сӯм расид. Барои рушди муҳити соҳибкорӣ 6,1 трлн. сӯм вом ҷудо карда шуд. Ин назар ба 5 соли гузашта 4,2 баробар зиёд аст. Дар 72 минтақаи хурди саноатӣ, ки дар шаҳру ноҳияҳо ҳамчун «Таҷрибаи Намангон» ташкил шудааст, зиёда аз 650 лоиҳа ба маблағи 4,8 трлн. сӯм амалӣ гардида, дар ин корхонаҳо 38 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудаанд.

Дар ҷаласа раиси шӯро Шавкатҷон Абдураззоқов ба аҳамият ва муҳтавои сохтори нав таваҷҷуҳ намуда, 41 нафар аъзои Шӯрои соҳибкоронро муаррифӣ намуд. Дар назди аъзои шӯро, ки аз роҳбарони соҳаҳо, корхонаҳои бузурги истеҳсолӣ, кластерҳо ва соҳибкорони ботаҷриба иборатанд, вазифаҳо гузошта шуданд.

– Қаблан соҳибкорон намедонистанд, ки бо мушкилоти худ ба куҷо ва ба кӣ муроҷиат кунанд, – мегӯяд роҳбари ҶММ «Apart hotel kosmos», узви шӯро Дилшод Тӯрахӯҷаев. – Ин низомро дастгирии соҳибкорон меноманд. Соҳибкорон метавонанд мушкили худро ба осонӣ ва қонунӣ ҳал кунанд. Имконияти якҷоя кор кардан ва табодули афкор намудан низ вуҷуд дорад. Албатта, ҳар як муроҷиати онҳо ба эътибор гирифта, ба мақомотҳои дахлдор расонда, иҷрои онҳо зери назорат гирифта мешавад. Аксари иштироккунандагони ҷамъомад мушкилоти худро зикр карданд. Махсусан, нарасидани мутахассисон яке аз мушкилоти калон ва таъхирнопазир мебошад. Дар ин бобат низ супоришҳои алоҳида дода мешавад. Ман ҳам лоиҳаи нави худро ҳамчун соҳибкор муаррифӣ кардам. Мо 621 ташкилоти гуногуни хидматрасонӣ ташкил хоҳем кард. Вазифаи асосии он бо мутахассис таъмин намудани корхонаю ташкилотҳо мебошад. Бо ин мақсад аҳолии бекорро муайян намуда, онҳоро аз рӯйи ихтисосашон ба корхонаҳои дахлдор равона мекунем.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

**Гиромидошт**

# ХОТИРАИ ЖУРНАЛИСТИ МОҲИР



Алоқамандони каломи бадеъ ва хусусан насли миёнсол фарзанди фарзонаи Самарқанд, шодравон Аҳмадҷон Мухторовро хуб медонанд. Ӯ солҳои 60-уми асри гузашта ба соҳаи журналистика ва адабиёт қадам гузошта, дар муддати кӯтоҳ ба мактаби эҷодии худ асос гузошт.

Дар идораи Бунёди «Нурониён»-и Ӯзбекистон бахшида ба 87-солагии адиб, тарҷумони моҳир Аҳмадҷон Мухторов чорабинии фарҳангию маърифатӣ баргузор гардид. Дар он хешу пайвандон, ёру дӯстон, ҳамкорон ва шогирдони сершумори журналисти варзида иштирок намуданд.

Чорабиниро муовини раиси Бунёди «Нурониён» Шароф Убайдуллоев ҳусни ифтитоҳ бахшид.

– Аҳмадҷон Мухторов ҳамчун устоди сахтгир ва шахси инсондӯст дар қалбамон ҷой дорад. Ӯ мактаби муҳарририи хоси худро дошт, ба ходимон на фақат асрори журналистикаро меомӯзонд, балки аз зиндагии онҳо низ ҳамеша бохабар буд, то ҳадди имкон дастгириашон мекард.

Аҳмадҷон Мухторов дар якчанд рӯзнома фаъолият нишон додааст. Ӯ фаъолияташро аз сармуҳарририи рӯзномаи вилояти Самарқанд «Ленин йўли» (ҳоло «Зарафшон») оғоз намудааст. Дертар ба пойтахт кӯч баста, ба рӯзномаи «Қишлоқ ҳақиқати» сармуҳаррир мегардад. Дере нагузашта бо ташаббуси ӯ рӯзномаҳои «Халқ сўзи» ва «Народное слово» таъсис дода шуд ва ӯ сармуҳаррири нахустини ин рӯзнома гардид. Муддате ба ҳайси раиси Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон низ кор кардааст.

Дар асоси нақшаи бардавоми А. Мухторов маводҳои шавқовару рӯзмарра рӯйи чопро медиданд. Журналистоне, ки бештар маводи хонданӣ менавиштанд, рағбатнок карда мешуданд. Ин имкони бомасъулият кор кардани ходимон ва дар байни мардум эътибор пайдо кардани рӯзнома мегашт.

Таъкид гардид, ки адиб дар соҳаи тарҷумонӣ низ корҳои зиёдро анҷом додааст. Асарҳои адибони машҳури тоҷик Юсуф Акобиров, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ ва маҷмӯаи ҳикояҳои замонавии адибони Эрону Афғонистон ва арабро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст.

Аҳмадҷон Мухторов бо рӯзномаи «Овози тоҷик» низ ҳамкориро ба роҳ монда буд. Мақола ва ҳикояҳои ӯ дар «Овози тоҷик» борҳо чоп шудаанд.

Дар поёни чорабинӣ суратҳои хотиравӣ доир ба ҳаёт ва фаъолияти А. Мухторов намоиш дода шуд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

**Фидоиёни касб**

# ШАРАФМАНДИ ДУ ОЛАМ БОШАД УСТОД...



*Муаллим **Қ. Қӯзиев** бо шогирдон.*

Омӯзгор машъали фурӯзонест, ки ба ботини одамон зиё мебахшад. Омӯзгор монанди боғбон аст, ки навниҳолакони боғи хирадро бо меҳру самимият мепарварад, то онҳо беосеб ба камол расанд ва меваҳои пурсамар ба бор оранд.

Беҳуда нест, ки бузургони адабиёти қадиму пурғановати мо дар тамоми давру замонҳо омӯзгор, муаллим, устодро ситоиш кардаанду ҳамду сано хондаанд. Камолиддин Биноӣ устодро «аз падар пеш» гуфта бошад, Шайх Саъдии Шерозӣ «ҷабри устодро беҳ зи меҳри падар» баён кардааст. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ фармудааст:

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

Яке аз чунин омӯзгорони соҳибтаҷриба, ки фаъолияти педагогиаш шоёни эътироф мебошад ва тӯли солҳо баҳри афзун сохтани дониши варзишӣ ва обутоби ҷисмонии насли наврас фидокорона меҳнат кардааст, Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон, муаллими тарбияи ҷисмонии мактаби таълими умумии рақами 30-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ Қӯзибой Қӯзиев мебошад.

Қӯзибой 10 феврали соли 1963 дар деҳаи зебоманзари Сойхурди ноҳияи Нурато дар оилаи хизматчӣ дида ба дунё кушодааст. Таҳсили ибтидоиро дар мактаби зодгоҳ гирифт. Роҳбари синфаш Субҳон Рӯзиев ба таълиму тарбияи шогирдон эътибори ҷудогона медод. Аз синфи панҷум ба мактаби ҳамсоядеҳаи Эҷ меравад. Дар ин мактаб аз устодони ботаҷриба асрори илм омӯхта, дониши худро такмил медиҳад. Дар ҳар кор аз роҳбари синфи худ Ҳамроҳбой Файзиев маслиҳат мегирифт ва пайваста барои аз бар кардани донишҳои нав ҳаракат мекард. Бештар ба фанни тарбияи ҷисмонӣ шавқ дошт ва дар мусобиқаҳои варзишӣ фаъол иштирок мекард. Орзу дошт, ки асрори соҳаи варзишро мукаммал омӯхта, ба насли наврас аз фанни тарбияи ҷисмонӣ дарс диҳад.

Қ. Қӯзиев соли 1980 мактаби ҳамагониро хатм карда, соли 1981 барои адои хизмати ҳарбӣ ба Олмон сафарбар гашт. Хизматро сарбаландона адо намуда, соли 1983 бо рутбаи сержанти калон ба зодгоҳ баргашт. Аммо то ҳол орзуи айёми донишомӯзӣ – омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ шуданро дар дил мепарварид ва ин орзу ӯро ҳамон сол ба шаҳри Душанбе бурд. Ҳуҷҷатҳои худро ба техникуми тарбияи ҷисмонӣ супорида, аз имтиҳонҳо сарбаландона гузашт.

Соли 1984 дар мусобиқаи бонуфузе, ки дар Арманистон гузаронида шуд, Қӯзибой бомуваффақият иштирок карда, аз рӯйи намуди гӯштии самбо унвони «Устоди спорт»-ро соҳиб гардид. Соли 1985 техникумро бо дипломи сурх хатм карда, бо роҳхат ҳуҷҷатҳояшро ба Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон супорида, аз як фан имтиҳон супорид ва баҳои аъло гирифта, ба бахти донишҷӯӣ сазовор гардид.

Қӯзибой Қӯзиев пас аз таҳсил фаъолияти меҳнатии худро дар мактаби рақами 30-юми зодгоҳ ба ҳайси омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ оғоз намуд.

Муаллими ботаҷриба ва меҳнатқарин аз асрори соҳаи худ огоҳ буд ва хуб медонист, ки тарбияи ҷисмонӣ – қисми таркибии фарҳанг ва соҳаи фаъолияти иҷтимоӣ буда, ба таҳкими саломатӣ, инкишофи қобилияти ҷисмонии инсон, инчунин тарғиби тарзи ҳаёти солим нигаронида шудааст. Пайваста кӯшиш мекард, ки рағбати ҷавононро ба фан афзун созад ва бо ин мақсад аз методҳои гуногун истифода мебурд. Натиҷаи талошу заҳматҳояш буд, ки зуд аз дили шогирдон ҷой гирифт. Ҳамеша ба онҳо дар бораи қадру манзалати омӯзгор, устодони аввалини худ Ҷ. Содиқов, С. Ҳайдаров, Ф. Раҳматов ва А. Таваккалов, аҳамияти шуғл варзидан бо намудҳои варзиш дар ҳифзи саломатӣ ва оид ба масъалаҳои вобаста ба соҳа ҳарф мезад.

Саъю кӯшиши оқилона, меҳнати пайваста, ранҷи мақсаднок ҳеҷ гоҳ бесамар нахоҳад буд, зеро ба ин маънӣ бузургон фармудаанд:

*Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,*
*Агар хоре бувад, гулдаста гардад...*

Меҳнатҳои Қӯзибой Қӯзиев, ки қариб 38 сол чун омӯзгор кор кардааст, пайваста самар медоданд. Шогирдонаш дар мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ, аз қабили «Умид ниҳоллари», «Универсиада» ва ғайра фаъол иштирок карда, дар зинаҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҳатто ҷумҳуриявӣ ҷойҳои ифтихориро ба даст меоварданд. Имрӯз як гурӯҳ шогирдони ин марди ҳалиму хоксор, омӯзгори матинирода аз қабили Восеъ Ҳотамов, Саттор Раҳмонов, Далер Қӯзиев, Наим Раҳимов, Файёз Мехлиев, Сардор Зайнуддинов, Ҷавоҳир Саидов ва дигарҳо боиси сарфарозу сарбаландии устоди худ ҳастанд. Ҳатто баъзе аз онҳо ба устоди худ ҳавас карда, соҳаи варзишро интихоб кардаанд ва ба насли ҷавон аз тарбияи ҷисмонӣ сабақ медиҳанд.

Қ. Қӯзиев на танҳо омӯзгори кордону ӯҳдабаро, балки марди оромтабиат, меҳнатдӯст, падари ғамхор ва бобои дуогӯйи набераҳо мебошад. Дар қаторкӯҳҳои Нурато ягон мусобиқа ё тадбири варзишӣ нест, ки бе иштироки ин марди варзишдӯст гузарад.

Омӯзгори рӯзгордида Қӯзибой Қӯзиев ҳамроҳи ҳамсари худ Башорат чор нафар фарзандро таълиму тарбияи нек доданд, ки ҳар яке дар ҳаёт роҳи зиндагии худро ёфта, баҳри рушди ҷомеа саҳмгузорӣ мекунанд. Волидон аз комёбиҳои фарзандон болида, дар иҳотаи 9 нафар набера хушҳолона умр ба сар мебаранд.

Қӯзибой Қӯзиев ба синни камолот расидааст, ки ин водор месозад ҳосили заҳмату сабақаш афзунтар ва мутаассиртар гардад. Агар ба забони шоир гӯем:

*Шарафманди ду олам бошад устод,*
*Аниси ҷумла одам бошад устод.*
*Агарчӣ зиндагиаш пурмашаққат,*
*Хамӯшу собиру кам бошад устод.*

**Ф. ЙӮЛДОШЕВ,**
*вилояти НАВОӢ.*

# ТАРҒИБГАРИ КАМНАЗИРИ МЕРОСИ АДАБӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Дар муқаддимаи илмии Аҳмад Абдуллоев бо номи «Адиб Собири Тирмизӣ ва тавсифи нусхаҳои девони ӯ» ба кириллӣ тамоми равандҳои нашри мероси шоир то солҳои 80-уми садаи XX бозгӯ ва ба онҳо баҳои муносиб дода шудааст. Ин ҷо низ нашри теҳронии Алии Қавим ноқису пуркамбудӣ ва тасҳеҳи Муҳаммадалии Носеҳ аз лиҳози афтидани шеъри зиёд нокомил муаррифӣ шудааст. Дар идомаи пешгуфтор мо бо иттилои раднопазири матншиносӣ, вижагии нусхаҳои гуногуни дастхатҳои шоир ва нашрҳои чопии он ошноӣ пайдо мекунем. Дар ин муқаддима ба ҷуз он чаҳор нусхаи дастхати мавриди истифодаи тасҳеҳгар сухан аз дастхатҳои бидуни истифода низ рафта, ки дар китобхонаҳои маъруфи кишварҳои шарқӣ – Калкутта ва Бомбайи Ҳиндустон, Маҷлиси Шӯрои миллӣ ва Мадрасаи олии Сипаҳсолори Эрон нигаҳдорӣ мешаванд.

Дигар аз пажӯҳишҳои муҳимми аввалияи ӯ оид ба чеҳраҳои адабии шоирони форсӣ-тоҷикӣ рисолаи арзишманд оид ба рӯзгору осори адабии «Заҳири Форёбӣ» (Душанбе: Дониш, 1974)-ро метавон ном гирифт, ки дар сатҳи назаррас ва савияи матлубу муносиби адабиётшиносии он давра таълиф шуда ва аз неруи пурбори тахассусии муаллифаш дарак дорад. Усул ва шеваҳои таҳқиқ дар ин рисола ҳоло ҳам қобили пайгирист. Рисола дар боби ин шоири машҳури нимаи дувуми садаи XII натиҷаи ковишҳои муҳим ва муфиди илмии ин олим аст, ки авалан дар сатҳи назарраси он давра ба дифоъ расида ва сипас тарҳи монографии он ба миён омадааст.

Маълум мегардад, ки то ин таҳқиқи арзишманди Аҳмад Абдуллоев дақиқкарди «ҳаёти печдарпечу ихтилофноки» шоир Заҳири Форёбӣ «аз нуқтаи назари илмӣ» ба ҳеч касе аз пажӯҳишгарон даст надода будааст. Як сабаби ин амр мавҷуд набудани осори комили ӯ буда ва он чи то он ҳангом вуҷуд доштаанд, «ҳамагӣ таҳрирҳои баъди асри XV» ба ҳисоб мерафтаанд. Бинобар ин, муҳаққиқ дар наздаш чунин вазифае гузошта буд, ки мавзӯъро усулан ҷамъбаст карда, осори шоирро аз диди интиқодӣ биомӯзад.

Яке аз корҳои муҳимму мондагори Аҳмад Абдуллоев ба сифати матншинос фароҳам овардани матни ду ҷилд китоби «Сабақи Рӯдакӣ» бо афзудани муқаддима ва луғату тавзеҳот аст, ки дар фосилаи солҳои 1984 ва 1991 ба табъ расидаанд. Ин ду китоби «Сабақи Рӯдакӣ» маҳсули тафаккури эҷоди шоирони давраи ғазнавӣ аст, ки ба равияи сурудаҳои маликушшуарои сомонӣ устод Рӯдакӣ эҷод кардаанд. «Сабақи Рӯдакӣ» ном гирифтани ин ду китобро таҳиягар дар он дида, ки «ҳамаи шоирони аввали асри XI аз Рӯдакӣ сабақ омӯхтаанд, ӯро устоди худ ҳисобида, шеърҳояшро пайравӣ, тазмин ва истиқбол кардаанд. Мо шеърҳои он рӯзгорро мутолиа карда, тимсоли Рӯдакиро пеши назар меоварем ва такомули пурвусъати анъанаҳои адабии ӯро эҳсос мекунем. Осори Рӯдакӣ барои шоирони нимаи аввали асри XI дарси ибрат, сабақи маҳорат ва мактаби касби камол будааст» («Сабақи Рӯдакӣ», китоби аввал, с. 22).

Ҳарду китоб дорои муқаддимаи илмии муфассал ва таҳлилҳои арзишманд аз боби шуарои нимаи аввали садаи XI то ибтидои садаи XII – истиқболгарони Рӯдакианд, ки дар он иттилои расои адабиву таърихӣ фароҳам омада ва баррасии дарунмояи осори онон сурат гирифтаанд. Муқаддимаи аввал иборат аз бист саҳифа таърихчае аз шеъри форсии нимаи аввали садаи XI мебошад, ки дар он аз махсусияти эҷодии ин давра ва сайри эҷодии шоирони маъруфи замон Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Асҷадӣ, Лабибӣ, Айюқӣ ва дигарон, ки ба равияи вижаи устод Рӯдакӣ ба эҷод камари ҳиммат бастаанд, сухан рафтааст.

Муқаддимаи китоби дувум дар ҳаҷми 22 саҳифа низ таҳқиқе хуб аз вижагиҳои шеъри ин давра аст ва ин ҷо асосан сухан аз чигунагии шеъри Қатрони Табрезӣ ва Масъуди Саъди Салмон меравад. Дар бахши матни ашъор ҳам асосан ва хеле васеъ ашъори ин ду шоири номӣ ҷой ёфтаанд. Аз назари мо ин китоб аз аввалин муаррифигари ашъори ин ду шоир ба таври густурда мебошад.

Ин матншиноси пурғайрат дар таҳия ва нашри «Осори баргузидаи бадеӣ»-и маорифпарвари маъруф Аҳмад Махдуми Дониш (бо ҳамкории адабиётшинос Расул Ҳодизода, Душанбе, 1976) ва «Тазкираи адабиёти бачагон» (бо ҳамдастии адабиётшинос Садрӣ Саъдиев, Душанбе, 1981) низ салиқаи хос ва тахассусӣ зоҳир кардааст. Саракориву беҳгузинӣ дар ин ришта аз сифатҳои умдаи Аҳмад Абдуллоев ба ҳисоб рафта, ин сифатҳо ҷолиби диққат ва сазовори истиқболи аҳли таҳқиқи имрӯзаанд.

Аҳмад Абдуллоев ба унвони яке аз пажӯҳандагони соҳибтаҷриба ба таълифи китоби 12-ҷилдаи «Очеркҳо аз таърихи адабиёти форс-тоҷик» ҷалб шудааст, ки ҳамчун ҳосили ҷусторҳои ҷиддии олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ шуҳрат дорад. Аз ин асари муҳимму мондагори илмӣ танҳо 8 ҷилдаш нашр шуда ва устод Аҳмад Абдуллоев муаллифи ду китоб – «Адабиёти форс-тоҷик дар нимаи аввали асри XI» (Душанбе, 1979) ва «Адабиёти форс-тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII» (Душанбе, 1986) мебошад, ки китоби дувум бо ҳамкории адабиётшиноси дигари соҳибназар Садрӣ Саъдиев таълиф ва ба нашр расидааст.

Профессор Аҳмад Абдуллоев дар охири солҳои 80-уми садаи XX ба таснифи китоби дарсии «Адабиёти тоҷик барои синфи 9» (1990) шуғл дошт. То ин замон таърихи адабиёти тоҷик аз даврони қадим то садаи XV ба хонандагони ин зинаи таълими мактабҳои миёна аз китоби дарсии профессор Шарифҷон Ҳусейнзода омӯзонида мешуд. Аҳмад Абдуллоев низ бо чунин таълифот хидмате барои фарорафти дониши адабии наслҳои замон анҷом дода ва муддате китоби дарсии ӯ саҳмгузори вусъати худогоҳии адабии онҳо шудааст.

Ҳаёти Аҳмад Абдуллоев аз нимаи дувуми солҳои 90-ум ба Ӯзбекистон пайванд ёфта ва фаъолияти илмиву таҳқиқиаш ба сифати профессори кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Тирмиз идома пайдо кард.

Аҳмад Абдуллоев дар Тирмизи бостонӣ пажӯҳиши донишгоҳии адабиётшиносии - тоҷикро эҳё намуда, фаъолияти онро ҷавобгӯ ба тақозои як пажӯҳишкада ба роҳ монд.

Натиҷаи ҳамдиливу ҳамназарӣ бо чанде аз устодони Донишгоҳи давлатии Тирмиз буд, ки аз олами заҳмату маҳсули босамари ин пажӯҳишҳо огоҳ шудем. Гурӯҳи ҳамкорон аз Донишгоҳи давлатии Тирмиз – Рамазон Абдуллоев, Дилафрӯз Муқимова, Махфират Қурбоналиева, Ҷамшед Ҷумъақулов, Илҳом Эшонзода ва дигарон, барҳақ, устод Аҳмад Абдуллоевро рамзи равшану тобандаи дилдодагӣ ба зиндагӣ ва илм медонистанд ва худро дар иҳотаи ин инсони хушиқбол, хоксору вораста, ҳалиму меҳрубони шогирдон, ғамхору ғамбарор медиданд.

Аҳмад Абдуллоев умри пурсамар дид ва беш аз 85 баҳори умр зиндагӣ кард.

Зиҳӣ чунин фидокорӣ ва миллатдӯстӣ!

**Субҳони АЪЗАМЗОД,**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров.**





*Чемпионати Ӯзбекистон доир ба армрестлинг, ки дар Самарқанд байни писарону духтарони соли таваллудашон 2000-2004 ва 2008-2010 баргузор шуд, ба охир расид.*

*Дар мусобиқа писарбачаҳо ва духтарҳои соли таваллудашон 2008-2010 аз рӯйи вазнҳои гуногун қувваозмоӣ карданд.*

*Писарбачаҳои соли таваллудашон 2000-2004 низ аз рӯйи вазнҳои мухталиф, духтарон бошад, аз рӯйи вазни 50, 55, 60, 65, 70 ва зиёда аз 70 килограмм қувва озмуданд.*

*Дар доираи чемпионат ба варзишгароне, ки талаботи устоди варзишро иҷро карданд, шаҳодатномаҳо супорида шуд.*

***Суратгир: А. ИСРОИЛОВ (ӮзА).***

# МУШКИЛОТИ СОҲАИ ТАЪЛИМ ҲАЛ МЕШАВАНД

***Вазири таълими томактабӣ ва мактабии Ӯзбекистон Ҳилола Умарова гуфтааст, филиали мактабҳои миёнаро дар ноҳияи Ғузори вилояти Қашқадарё ба дабистонҳои алоҳида табдил медиҳад.***

Як гурӯҳи кории мутахассисони варзидаи соҳаи маориф бо роҳбарии вазири таълими томактабӣ ва мактабӣ ба ноҳияи Ғузор омаданд. Онҳо бо вазъи таълим дар ноҳия ва шароити таҳсили хонандагон шинос шуданд. Аз ҷумла, дар мактаби миёнаи рақами 12-ум, ки дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Яккадарахт» воқеъ аст, бо омӯзгорон ва хонандагон мулоқот намуданд. Ҳокими Ғузор Бекзод Суюнов аз Ҳилола Умарова хоҳиш намуд, ки барои ҳалли муаммоҳои соҳаи таълим, ки аз тавони ҳукумати ноҳия берун мондаанд ва садди пешрафтҳо мешаванд, кумакӣ амалӣ намояд. Вазир ваъда дод, ки дар ҳалли мушкилоти соҳаи таълими ноҳия мусоидат мекунад. Вай дархост кард, ки дар мактаби рақами 12 синфи информатика ташкил намоянд ва бо тамоми таҷҳизоти замонавӣ таъмин созанд.

Вазир гуфт, ки аз сабаби зиёд шудани шумораи аҳолӣ дар ҷойҳо филиали мактабҳои ноҳия ба дабистонҳои алоҳида мубаддал карда мешаванд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-325. Адади нашр 4678 ҳаҷм 2 чузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.